**УҲДАДОРИҲОИ АСОСИИ ДОНИШҶӮЁНИ ХОРИҶӢ**

1. Ба Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо воситаи дидбонгоҳи сарҳадӣ ворид шавам.
2. Пас аз воридшавӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, сариваќт шиноснома ва дигар ҳуҷҷатҳои худро ба маъмурияти Донишгоҳ барои дар давоми 10 рӯзи корӣ ба Хадамоти шиносномавию баќайдгирии Раёсати ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд бо мактуб ҷиҳати ба ќайдгирӣ муроҷиат намудан супорам. (Шаҳрвандони Ҷумҳурии Ќазоќистон ва Арманистон ба муҳлати 30 рӯз ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Ќирғизистон ба муҳлати 60 рӯз ҳуќуќ доранд, бе ќайд истиќомат намоянд).
3. Шиносномаи шаҳрвандиамро бо худ нигоҳ дорам ва бо талаби кормандони маќомоти салоҳиятдор пешниҳод намоям, онро ба гарав (залог) насупорам.
4. Дар ҳолати ивази ҷои зист (берун аз ва ё дар дохили худи шаҳр ё ноҳия, дар дигар маҳалла ва кӯча), ававвал бо воситаи мактуби маъмурияти Донишгоҳ ба Хадамоти шиносномавию баќайдгирии Раёсати ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд муроҷиат намоям.
5. Дар ҳолати гум ё корношоям шудани шиноснома, инчунин дар ҳолатҳои ивази ному насаб (дар асоси никоҳ ва ғайра), фавран ба Хадамоти шиносномавию баќайдгирии Раёсати ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд дар ин бора хабар диҳам.
6. Як моҳ пеш аз ба итмом расидани муҳлати раводид ва ќайд ба маъмурияти Донишгоҳ оиди дастрас намудани раводиди нав, тамдиди муҳлати ќайд муроҷиат намоям.
7. Пеш аз ба итмом расидани муҳлати шиноснома ба маќомоти дахлдори давлати шаҳрвандии худ оиди додани шиносномаи нав ё тамдиди муҳлати шиноснома муроҷиат намоям.
8. Дар ҳолати ба итмом расидани муҳлати раводид ва ќайд, ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро тарк намоям.
9. Талаботҳои ќонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя намоям.
10. Барои вайрон намудани талаботҳои ќоидаҳои иќомати шаҳрвандони хориҷӣ бо моддаҳои 497-499 Кодекси ҳуќуќвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ пешбинӣ карда шудааст, ки он ҳатман татбиќ намудани ҷарима ва берун кардан аз ќаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ мекунад.